# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

*Вохӯрии ташкилотҳои Ҷомеаи Шаҳрвандии Осиёи Марказӣ оиди ташаккули шабакаи “CANDY” барои дастгирии сектори ширкатҳои хурду миёна дар минтақа*

**Душанбе, 24 маи соли 2012** – Аз 25 то 29 маи соли 2012 дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маркази таълимии Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ дар ноҳияи Шаҳристон вохӯрии ташкилотҳои Ҷомеаи шаҳрвандии Осиёи Марказӣ оиди ташкили шабакаи ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ баргузор мегардад.

Мақсади асосии чорабинӣ - ин ба роҳ мондани механизми фаъолиятҳои муштараки ҷонибҳои манфиатдор ва ҳамкории созанда бо сохторҳои ҳукуматӣ барои баландбардории нумӯъ\ потенсиали саноати коркарди озуқаворӣ дар Осиёи Марказӣ ва инчунин тақвият додани ҳамкории минтақавӣ, муҳити боварӣ ва ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар кор оиди ташкили шабака ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ аз 5 кишвари Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Тоҷикистон) ширкат меварзанд. Айни замон ибтикори ташкили шабака аз тарафи 11 ташкилотҳои ғайриҳукуматии минтақа дастгирӣ гардидааст.

Чорабинии мазкур аз тарафи ташкилоти ғайриҳукуматии австриягии Hilfswerk Austria International дар ҳамкории зич бо ҳамкорон аз Осиёи Марказӣ ва дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо дар доираи барномаи Осиёи Марказӣ-Инвест II барпо мегардад.

Лоиҳаи мазкур барои пешбарии ҳамкории Осиёи Марказӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ равона шудааст.

---

Лоиҳа амалӣ мегардад:

Hilfswerk Austria International

Суроға: к. М. Турсунзада, 156
Душанбе, Тоҷикистон
Тел: (+992 37) 228 93 85;

aslanov@hilfswerk.tj
www.hilfswerk.tj

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суроға: к. Адҳамов, хонаи 74
734013 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu
http://www.deltjk.ec.europa.eu

Иттиҳоди Аврупо аз 27 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунъёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои бидуни сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат ба маблағи тақрибан 25 млн. евро кӯмак фароҳам менамояд.